**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)**

**Парвандаи аттестатсионии №___**
**Қарори шурои диссертатсиоӣ аз 09 декабри соли 2025, №5**

Барои сазовор донистани Шоҳзода Назира Изатулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)

Диссертатсияи Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзуи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба ҳимоя 30 сентябри соли 2025 (протоколи № 1.6.) қабул карда шуд. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо 6 А) дар асоси фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи 2022, таҳти №17/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Шоҳзода Назира Изатулло докторанти фалсафа (PhD)-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон 2 октябри соли 1992 дар шаҳри Душанбе дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик мебошад. Оиладор, соҳиби 1 фарзанд.

Соли 2009 дар бахши рӯзонаи факултети менеҷменти молиявӣ ва инноватсионии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2014 дар зинаи бакалавриат хатм намудааст. Аз соли 2014 дар шуъбаи магистратураи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2016 зинаи магистратураро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёт, менеҷменти молиявӣ хатм намудааст. Соли 2022 то соли 2025 ба ҳайси докторанти (PhD)-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар мавзуи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ» таҳқиқоти диссертатсионӣ бурдааст.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Досиев Маҳмадшоҳ Назарович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳонии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;
- **Зувайдуллозода Ганчина Холмурод** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тақриз аз ҷониби д.и.и., профессори кафедраи менеҷмент Содиқов Меҳтархон Соқибекович таҳия гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, дотсенти кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон н.и.и Ҳамидов А.Х. имзо гардида, 28-уми октябри соли 2025, суратмаҷлиси кафедра №3 баррасӣ гардида, аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сатторзода Б.А. санаи 30 октябри соли 2025 тасдиқ карда шудааст.

Дар тақризи додашудаи муассисаи пешбар қайд гардидааст, ки кори диссертатсионии Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзуи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) таҳқиқоти илмӣ-тахассусии хотимаёфта буда, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботи бандҳои 31-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар тақризи пешниҳодшуда хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсия бо меъёрҳои муқарраршуда оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори (PhD), омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Гуфтаҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзуи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ» ба талаботи бандҳои 31-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ гардидааст, мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

Рӯйхати маводҳои илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ аз 21 номгӯй иборат буда, 11 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақолаҳои илмӣ дар конфронсҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дигар нашрияҳои илмӣ ба нашр расидаанд.

**Фехрасти интишороти довталаб аз рӯи мавзуи диссертатсия:**

**а) Мақолахое, ки дар нашрияҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. Шоҳзода Н.И., (Шоева Н.И.) Досиев М.Н. Государственное регулирование развития экологического предпринимательства как фактор рынка экологических услуг [Матн] / Н.И. Шоҳзода, М.Н. Досиев // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2022. -№ 4/1. - С. 167-174. ISSN 2707-800.

2. Шохзода Н.И. (Шоева Н.И.). Особенности развития финансового рынка Республики Таджикистана [Текст] / Н.И. Шохзода, // Вестник технологического университета Таджикистана (серия гуманитарных и професиональной педагогики).- 2022. - № 10(2). - С. 79-83 ISSN.

3. Шохзода Н.И. Теоретические аспекты формирование рынка экологических услуг [Текст] / Н.И. Шохзода // Финансово-экономический вестник . - 2023. №3 (37). - С. 356-363. ISSN 2664-0651.

4. Шоҳзода Н.И., Ҷалолов А. Механизми ташкили ва идоракунии бозори хариди давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Н.И. Шоҳзода, А.Ҷалолов // Паёми молия ва иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. - 2023. - №1 (35). - С. 447-454. ISSN 2664-0651.

5. Шоҳзода Н.И. Таҷрибаи хориҷии иштироки сармояи хориҷӣ дар ташаккули бозори хизматрасониҳои экологӣ. [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. -№ 3/1. - С. 292-302. ISSN 2308-054X.

6. Шохзода Н.И., Досиев М.Н. Изученише и реализации зарубежный опят развития форм экологического предпринимательства в Рекспублики Таджикистан. [Текст] Н.И. Шохзода, М.Н. Досиев, // Вестник Таджикского

государственного университета комерции. – 2023. - № 4/2. – С. 154-158. ISSN 2308-054X.

7. Шоҳзода Н.И. Мушкилот ва роҳҳои ҳалли ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба бозори хизматрасониҳои экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2024. - № 4/1. – С. 254-260. ISSN 2707-800 .

8. Шохзода Н.И., Пирова Д.К. Проблемы и пути решения привлечения иностранных инвестиций на рынок экологических услуг Республики Таджикистан [Текст] / Н.И. Шохзода, Д.К. Пирова // Вестник Таджикского государственного университета комерции. – 2024. № 4/1(54). – С.493-454. ISSN 2308-054X .

9. Шоҳзода Н.И. Ташаккули шаклҳои танзими давлатии дастгирии сармоягузории хориҷӣ барои рушди бозори хизматрасонии экологӣ. [Матн] / И.Н. Шоҳзода // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. - №1. – С. 190-196. ISSN 2413-5151.

10. Шоҳзода Н.И. Механизмҳои самараноки идоракунии сармоягузорӣ ва татбиқи стратегияҳои инноватсионӣ дар шароити иқтисодиёти рақамии Тоҷикистон. [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. - № 2. – С. 482-488. ISSN 2308-054X .

11. Шоҳзода Н.И. Монеаҳо ва мушкилотҳо дар идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ. [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. - № 2. – С. 489- 496. ISSN 2308-054X .

**б) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

1. Шоҳзода Н., Досиев М.Н. Совершенствование управления развитием экологического предпринимательства и рынок экологических услуг [Матн] / Н.И. Шоҳзода, М.Н. Досиев // Маҷалаи Омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар замони Истиқлолият. – 2022. - С. 328-334.

2. Шоҳзода Н.И. Особенности функционирования рынка экологических услуг [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо эълон шудани "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф". Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (18 - 19 ноябри соли 2022). Қисми 2. - Душанбе, 2022. - С.173-177.

3. Шоҳзода Н.И. Формирование и развитие рынка экологических услуг в Республики Таджикистан [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Рушди устувори саноати миллӣ дар асоси амалигардонии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф". Маводи конференсияи

илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (24 - 25 апрели соли 2023) Қисми 2. - Душанбе, 2023. - С. 171-176.

4. Шоҳзода Н.И., Досиев М.Н. Организационно-экономический механизм инвестиционной деятельности рынка экологических услуг [Матн] / Н.И. Шоҳзода, М.Н. Досиев // Заминаҳои илий-техникӣ ва иқтисодии саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илми-амалии байналмилалӣ (Душанбе, 24-25 ноябри соли 2023). Қисми 2. - Душанбе, 2023. - С. 49-53.

5. Досиев М.Н., Зоҳидов С.Қ., Шоҳзода Н.И. Идоракунии хизматрасониҳои маркетингӣ дар фаъолияти соҳибкории экологӣ ҳамчун омили татбиққунандаи принсипҳои иқтисоди “сабз” / [Матн] М.Н. Досиев, С.Қ. Зоҳидов, Н.И. Шоҳзода // Заминаҳои илий-техникӣ ва иқтисодии саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи илми-амалии байналмилалӣ (Душанбе, 24-25 ноябри соли 2023). Қисми 2. - Душанбе, 2023. - С. 45-49.

6. Шаропов Ф.Р. Досиев М.Н., Шоҳзода Н.И. Таҳлили баъзе мушкилоти экологӣ ва усулҳои ҳал намудани онҳо тавассути техника ва технологияҳои муосир [Матн] / Ф.Р. Шаропов, М.Н. Досиев, Н.И. Шоҳзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф, солҳои 2020-2040». Душанбе, 14 марти соли 2024 Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. - С. 77-81.

7. Досиев М.Н., Шоҳзода Н.И. Нақши технологияи инноватсионӣ дар рушди соҳибкории экологӣ ҳамчун омили рушди босуръати саноат [Матн] / М.Н. Досиев, Н.И. Шоҳзода // Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф - асоси саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илми-амалии ҷумҳуриявӣ (26 - 27 апрели соли 2024). Қисми 2. - Душанбе, 2024. - С.26-30.

8. Досиев М.Н., Шоҳзода Н.И. Идоракунӣ ва баҳодиҳии омилҳои ҷолибнокии сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёт дар шароити муосир [Матн] / М.Н. Досиев, Н.И. Шоҳзода // Рушди босуботи идораи молияи давлатӣ дар партави иҷрои ҳадафҳои стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, бахшида ба солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат». Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илми-амалӣ (24 апрели соли 2024). - Душанбе: Матбааи АИДНПҶТ. - 2024. - С. 32-39.

9. Шоҳзода Н.И. Ҷалб кардани сармояи хориҷӣ дар рушди бозори хизматрасониҳои экологӣ дар асоси таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Иқтисод ва сайёҳӣ: тамоюл ва дурнамо. – 2024. - №2. - С. 166-174.

10. Шохзода Н.И. Разработка форм государственного регулирования для поддержки иностранных инвестиций в сфере экологических услуг [Матн] / Н.И. Шохзода // Маводҳои конфронси илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли "Маърифати ҳуқуқӣ" дар мавзуи "Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ". – Душанбе: «ДБССТ», 2024. – С. 269-274.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

***Ғоибназарзода Саид Муҳаммадназар*** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод шудааст:

- Дар саҳифаи 36 муаллиф чунин менависад: «Бо мақсади баланд бардоштани идоракунии самараноки сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, зарур аст, ки дар сохтори Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ як шуъбаи махсус ё зерсохтори алоҳида таъсис дода шавад, ки фаъолияти худро танҳо ба лоиҳаҳои сармоягузории экологӣ равона кунад». Чунин пешниҳоди муаллиф баҳснок мебошад. Зеро дар сохтори Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ таъсис додани зерсохторҳои алоҳида вобаста ба самтҳои сармоягузорӣ ба фикри мо ба манфиати кор нест. Аз муаллиф талаб карда мешавад, ки масъалаи мазкурро дар раванди ҳимоя асоснок намояд.

***Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич*** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

- Дар автореферат, саҳ. 19 расми 3. - Унсурҳои асосии механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти сармоягузории низоми хизматрасониҳои экологӣ нишон дода шудааст, аммо шарҳу тавзеҳи ин унсурҳо ба чашм намерасанд?

- Дар саҳ. 24 автореферат зикр шудааст, ки барои баҳои воқеӣ додан ба фаъолият ва таъсири омилҳо ба сармоягузории экологӣ матритсаи SWOT гузаронида шудааст. Хуб мешуд дар рафти ҳимоя паҳлуҳои асосии он шарҳ дода мешуд. Зеро масъалаи мазкур дар автореферати диссертатсия ҷойгир карда нашудааст.

***Садриддинов Манучеҳр Исломиддинович*** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири шуъбаи Академияи хурди илмҳои Тоҷикистон дар назди АМИТ бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

- Агар дар автореферати диссертатсия пешгӯии баъзе нишондиҳандаҳои оморӣ бо истифода аз усулҳои моделсозӣ ё дигар усулҳо ворид мегардид, ин ба амиқтар шудани таҳлили илмӣ, таҳкими асоснокии натиҷаҳо ва баланд шудани арзиши амалӣ ва тавсиявии таҳқиқот мусоидат менамуд;

- Аз матни асосии таҳқиқоти илмӣ бармеояд, ки муаллиф ояндабинии ҷалби сармоягузории хориҷиро ба низоми хизматрасониҳои экологӣ то давраи соли 2030 амалӣ намудааст (ҷадвали 3, саҳ.24). Хуб мешуд, агар муаллиф ҳисса ва фоизи сармоягузории дохилӣ ва хориҷиро вобаста ба бахшҳо, ё ин ки соҳаҳои иқтисоди миллӣ нишод медод, ба манфиати кор мебуд.

***Дилшод Шарифӣ*** - доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон сардори раёсати қарзии давлатӣ ҷалби сармоягузориҳои давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод шудааст:

- Дар саҳифаҳои 28-29 автореферат, ки ба роҳҳои такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ бахшида шудааст, муаллиф қайд мекунад, ки ташкили оператори миллии ҷалби сармоя дар бахши хизматрасониҳои экологӣ бо ваколати ҳамоҳангсозӣ, маркетинг ва дастгирии сармоягузорон яке аз чунин роҳҳо мебошад. Зеро ифодаи ташкили оператори миллӣ муаллиф чиро дар назар дорад. Зарур аст, ки дар рафти ҳимояи ошкоро муаллиф онро шарҳ диҳад.

***Саидмуродова Малика Абдуваҳобовна*** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод шудааст:

- Муаллиф дар саҳифаи 28-29 автореферат ҳангоми таҳлили роҳҳои такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ иброз менамояд, ки яке аз ин роҳҳо “Гузаронидани форумҳо ва намоишгоҳҳои байналмилалӣ бо иштироки сармоягузорони эҳтимолӣ”. Оё муаллиф гуфта метавонад, ки ин гуна форумҳо ва намоишгоҳҳои байналмилалӣ барои рушди соҳаи сармоягузорӣ ва ҷалби онҳо самаранок ҳастанд? Мехостам ҳангоми ҳимояи ошокро муаллиф масъалаи мазкурро шарҳ медод.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз рӯйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии муаллиф алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **коркард карда шуд:** категорияҳои асосие, ки дар раванди идоракунии самараноки дар низоми хизматрасониҳои экологӣ «сармоягузорӣ», «сармоягузории хориҷӣ», «хизматрасониҳои экологӣ», «идоракунии раванди ҷалби сармоягузории хориҷӣ» ва «механизми ташкилию иқтисодӣ» аз нигоҳи илмӣ коркард карда шудаанд. Равандҳои асосии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, аз қабили таҳлили муҳити сармоягузорӣ ва муайянсозии афзалиятҳо; тарҳрезии сиёсати сармоягузорӣ ва заминаи ҳуқуқӣ; ҷалби сармоя ва муаррифии имкониятҳо; таҳия ва баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ; муҳокима, қарордод ва ҷалби сармоя; мудирияти амалӣ ва мониторинги лоиҳа; арзёбӣ ва такмилдиҳӣ таҳлил ва коркард карда шуда, механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ муайян ва шаклҳои алоҳидаи он тавсиф карда шудаанд. Идоракунии сармоягузорӣ ҳамчун сохтори иерархии бисёрсатҳа муайян карда шуда, бо дарназардошти мушкилоти мавҷудаи хусусияти институтсионалӣ, ки дар амалия ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасанд, андешидани тадбирҳои зарурӣ коркард карда шудаанд. Пешниҳодҳои илман асоснок ҷиҳати тақвияти нақши Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҳамчун сохтори асосии ҳамоҳангсоз ва назораткунандаи сармоягузории хориҷӣ карда шудааст.

- **пешниҳод шудааст,** ки таърифи мафҳуми идоракунии раванди ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ бояд дар асоси моделҳои байналмилалӣ, аз ҷумла OLI-парадигмаи Ҷ.Ҳ. Даннинг (Ownership - Location - Internalization) ва модели сиёсати сармоягузории UNCTAD муайян карда шавад. Пешниҳод шудааст, ки таъсиси низоми ягонаи идоракунии давлатии равандҳои сармоягузорӣ ҳамчун шарти асосии такмили муҳити сармоягузорӣ арзёбӣ мегардад, зеро он имкон медиҳад, ки фаъолияти сохторҳои дахлдор мутамарказ ва ҳамоҳанг гарданд, низомҳои марбут ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба таври самаранок амал кунанд, ҳамкории муассир бо ташкилотҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шавад, инчунин экспертиза ва интихоби озмунии лоиҳаҳои дорои аҳамияти стратегӣ таъмин гардад. Таҳия ва қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии махсус барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои хизматрасониҳои экологӣ (коркарди партов, обтаъминкунӣ, энергетикаи сабз, тозакунии ҳаво), муқаррар намудани меъёрҳои ESG дар лоиҳаҳои экологии сармоягузорӣ ва ҳамоҳанг кардани онҳо бо талаботи байналмилалӣ, ҳамчунин ташкили оператори миллии ҷалби сармоя дар бахши хизматрасониҳои экологӣ бо ваколати ҳамоҳангсозӣ, маркетинг ва дастгирии сармоягузорон ҳамчун яке аз роҳҳои такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ пешниҳод карда шудааст.

- **исбот шудааст,** ки мушкилоти идоракунӣ ва маъмурӣ дар самти идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар бахши хизматрасониҳои экологӣ дорои хусусияти сохторӣ ва ниҳодӣ мебошанд. Дар диссертатсия муаллиф исбот менамояд, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дорои аҳамияти стратегӣ мебошад, зеро он на танҳо равандҳои иқтисодӣ ва идоракуниро содда мегардонад, балки ба ҳадафҳои рушди устувор, ҳифзи муҳити зист ва баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳо мусоидат мекунад. Инчунин дар диссертатсияи мазкур монеаҳо ва мушкилоти идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Тоҷикистон, ки аз маҷмӯи омилҳои мураккаби инфрасохторӣ, маъмурӣ, кадрӣ, ҳуқуқӣ ва стратегӣ иборат мебошанд, исбот ва барои бартараф намудани онҳо пешниҳодҳои илман асоснок карда шудааст.

- **асоснок карда шудааст, ки** такмили ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва сармоягузорони хориҷӣ ҳамчун яке аз роҳҳои такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ аз гузаронидани форумҳо ва намоишгоҳҳои байналмилалӣ бо иштироки сармоягузорони эҳтимолӣ, ташкили Шӯрои машваратии соҳавӣ оид ба сармоягузориҳои экологӣ ва механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ махсус барои лоиҳаҳои “сабз” вобаста мебошад. Асоснок карда шудаст, ки самтҳои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ фарогири маҷмӯи васеи абзорҳо ва қарорҳои инноватсионӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокӣ, шаффофият ва устувории лоиҳаҳо мусоидат мекунанд. Дар сатҳи диссертатсия барои Тоҷикистон, бо дарназардошти имкониятҳои рушд дар соҳаи идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ ва хизматрасониҳои экологӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ дар чанд самти муҳим тавсия дода шудааст.

- **ояндабинӣ карда шудааст:** дар диссертатсия дар асоси таҳлили ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2010-2024) пешгӯии сармоягузории мустақими хориҷӣ Тоҷикистон дар солҳои 2025-2027 асоснок карда шуда, ҳамчунин пешгӯии маблағгузорӣ ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиат барои солҳои 2024–2028 бар асоси модели хаттии регрессия нишон дода шудааст. Бо дарназардошти маълумоти воқеии солҳои 2022–2025 ва равнади афзоиши тадриҷии маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои экологӣ, инчунин таваҷҷуҳи афзояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи экология ва хизматрасониҳои экологӣ, муаллиф барои солҳои 2026–2030 пешгӯии эҳтимолии ҷалби сармояи хориҷӣ ба низоми хизматрасониҳои экологиро пешниҳод намудааст. Бо дарназардошти тамоюлҳои солҳои охир, шароити сиёсиву иқтисодии дохиливу байналмилалӣ, Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030,

ояндабинии панҷсолаи (2025-2029) индекси қабули коррупсия ва мавқеи эҳтимолии Тоҷикистон дар раддабандии байналмилалӣ асоснок карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявии тадқиқот бо онҳо асоснок карда шудааст:**

- **ҷанбаҳои назариявӣ** – асоси назариявии таҳқиқотро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, механизм ва методҳои ташкилӣ - иқтисодии идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, инчунин таҷрибаи хориҷӣ, ки ҷалб ва идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ равона шудааст, ташкил медиҳанд;

- **методҳои гуногуни** тадқиқот – аз ҷумла усули муқоисавӣ, синтез, таҳлили омории иқтисодӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода шудаанд. Инчунин, методологияи тадқиқот ба постулатҳои асосии муносибати системавӣ бо назардошти ҷанбаҳои мантиқӣ, сохторӣ, функсионалӣ, муқоисавии таҳлили иқтисодӣ ва усули арзёбии коршиносон асос ёфтааст. Пайдарпаии мантиқии сохтори диссертатсия ба принсипҳои умумиилмӣ ва усулҳои донистани дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар рушди таърихӣ; вобастагии мутақобила ва робитаи таҳлили миқдорӣ ва ҳам сифатӣ; истифодаи усулҳои тасниф ва ҷамъбастӣ асос ёфтааст;

- **дар натиҷаи** таҳқиқот коркарди муқаррароти назариявию методӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар асоси таҳқиқи шароитҳо ва омилҳои ташаккулу рушди соҳа ва асоснокқунии роҳҳои баланд бардоштани он, инчунин муайян кардани тамоюли ҳолат, ҷараёни инкишоф ва самтҳои минбаъдаи рушди хизматрасониҳои экологӣ, ки бо истифода аз сармоягузориҳои хориҷӣ сурат гирифтааст;

- **асосҳои консептуалӣ** ва принсипҳои илмии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ таҳқиқ карда шуда, ҷамъбасти назариявӣ ва натиҷагирии адабиёти илмии соҳа ироа шудааст. Заминаҳои консептуалии такмили низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, роҳҳои такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии чунин идоракунӣ, инчунин тавсияҳои методӣ оид ба беҳтар намудани шароит ва низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ва самтҳои асосии истифодаи технологияи муосир дар раванди идоракунии сармоягузории хориҷӣ асоснок шудаанд;

Барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, зарур аст дар сохтори Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ шуъбаи махсус таъсис дода шавад, ки ба ҳамоҳангсозӣ, дастгирӣ ва мониторинги лоиҳаҳои экологӣ машғул бошад,

инчунин фехристи алоҳидаи шаффоф ва мунтазам навсозишавандаи чунин лоиҳаҳо роҳандозӣ гардад.

**- баён шудани** афзалиятҳо ва манфиатҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ; таҳия ва қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии махсус барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои хизматрасониҳои экологӣ (коркарди партов, обтаъминкунӣ, энергетикаи сабз, тозакунии ҳаво); нашри ҳисоботи солонаи давлатӣ дар бораи натиҷаҳои ҷалб ва истифодаи сармояи хориҷӣ дар хизматрасониҳои экологӣ. Ҳамчунин, баёни тавсияҳо оид ба мутобиқсозӣ ва такмили Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар ҶТ барои солҳои 2026-2030, Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар ҶТ барои давраи то соли 2040 ва Стратегияи ҷалби сармоя ба ҶТ барои давраи то соли 2040 вобаста ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ.

**- ошкор гардидани** он ки дар раванди идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ маҳдудияти бозори дохилӣ ва ҳамгироии заифи байналмилалии иқтисод; вусъатдиҳии нокифояи инфрасохтори сармоягузорӣ; нокифоя будани инфрасохтори истеҳсолӣ ва мушкилоти мавсимӣ бо таъмини нерӯи барқ; сатҳи пасти таъсирбахшии механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳавӣ; мураккабӣ ва монеаҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ дар соҳаи воридот ва содирот; номукаммал будани низоми идоракунии ҳамоҳангшуда; нокифоя будани алоқамандии лоиҳаҳои кумакҳои беруна бо стратегияи миллӣ; мушкилиҳо дар самти истифодаи сармояи «сабз» ва ворид шудан ба бозори вомбаргҳои «сабз»; номукаммал будани низоми ҳавасмандиҳои андозӣ ва рушд наёфтани механизмҳои дастгирии молияю қарзӣ; мавкеи ноустувор ва паст доштани давлат дар рейтингҳои байналмилалӣ монеаҳо ва мушкилотҳо асосӣ ба ҳисоб мераванд.

**- аз нав такмил додани механизми** ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ тавассути роҳҳои такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, рушди инфрасохтори махсуси сармоягузории экологӣ, механизмҳои иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонӣ, такмили ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва сармоягузорони хориҷӣ, мониторинг, арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо асоснок карда шуда, чорабиниҳои дахлдор вобаста ба ин роҳҳо коркард ва пешниҳод шудааст.

**- омухта шуданд:** санадҳои байналмилалӣ, қонунгузории миллӣ, стандартҳои байналмилалӣ, ба монанди меъёрҳои ESG ва UNCTAD. Пешниҳод шудааст, ки муқаррар намудани меъёрҳои ESG дар лоиҳаҳои экологии сармоягузорӣ ва ҳамоҳанг кардани онҳо бо талаботи байналмилалӣ яке аз қадамҳои устувор барои табдил додани низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ ба сатҳи мутобиқ бо стандартҳои ҷаҳонӣ мебошад.

**Аҳммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд:**

**- аҳамияти амалии таҳқиқоти** анҷомдодашуда дар он аст, ки татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ метавонад барои ташаккули стратегияи самарабахш оид ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар давраҳои шомилшавии иқтисодиёти ҶТ бо низоми иқтисодии ҷаҳонӣ муфид бошад. Инчунин, тавсияҳо ва пешниҳодҳои кор дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҷараёни ташаккули механизмҳои идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, ҳамзамон дар коркарди барномаҳои бахши муҳити зист истифода хоҳанд шуд.

**- натиҷаҳои таҳқиқоти методологию назариявии** гузаронидашуда дар оянда метавонад ҳамчун манбаи иттилоот барои гузаронидани таҳқикотҳо, коркард ва такмилдиҳии барномаву стратегияҳои давлатӣ дар самти идоракунии сармоягузориҳо баромад намуда, муқаррароти назариявии таҳқиқот, равишҳои методологӣ, тавсия ва пешниҳодҳои илмии таҳқиқот доир ба самаранокии идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муносибатҳои иқтисодии дар ин раванд бавуҷудоянда мавридии истифода қарор гирифта шаванд;

**- коркард ва ҷорӣ карда шуд:** коркардҳо ва тавсияҳои методӣ оид ба таъмини самаранокии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди роҳҳои мукаммалгардонии он ҳангоми тадриси фанҳои “Фаъолияти сармоягузорӣ”, “Сармоягузории хориҷӣ”, “Менеҷменти молиявӣ” ва ғайра (Санади татбиқ аз аз 1 марти соли 2025 таҳти №62/25-1), инчунин нуктаҳо ва баъзе муқаррароти амали таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти амалии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотнома аз 18 феврали соли 2025 таҳти №15-1-2/164), мавриди истифода ва татбиқ қарор гирифтаанд;

**- таҳияи модели нави** муваффақи идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ муқаррар ва имкониятҳои истифодаи унсурҳои алоҳидаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шудаанд;

**- истифодаи муқаррароти назариявӣ** ва методии диссертатсия ҳангоми таълими фанҳои “Фаъолияти сармоягузорӣ”, “Сармоягузории хориҷӣ”, “Ҳуқуқи сармоягузорӣ”, “Менеҷменти молиявӣ”, инчунин дар корҳои илмии унвонҷӯёну докторантон истифода шаванд;

**- асоснокунии** механизми ташкилӣ - иқтисодии идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ таҳия шуда, равандҳои асосии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ муайян, унсурҳои алоҳидаи ин механизм таҳлил ва

барои ҳалли мушкилоти сохтори иерархии бисёрсатҳии идоракунии сармоягузорӣ пешниҳодҳои илман асоснок карда шудаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон доданд, ки:**

- асосноккунии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимон-иқтисодшиносон ва муҳаққиқони ватанию хориҷиро дар соҳа эҷодкорона истифода бурдааст;

- маълумотҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодашуда дақиқ буда, ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ кифоя мебошад ва аз ҷониби муаллиф коркарди омории маълумотҳои расмию ғайрирасмӣ мақсаднок сурат гирифтааст;

- дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд ва хулосаҳову пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расидааст.

- **ғояи асосии диссертатсия** дар асоси паёмҳо ва баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва андешаи олимони соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар самти таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф асоснок карда шудаанд. Ҳамчунин, диссертатсия ба барномаҳои давлатии сармоягузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон ва байналмилалӣ, ҳисоботҳои вазорату идораҳои дахлдор, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иниститутҳои байналхалқии молиявӣ, натиҷаҳои таҳлиливу хулосаҳои институтҳои давлатӣ низ асос ёфтааст.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Саҳми шахсии муаллиф дар он ифода меёбад, ки кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф шахсан анҷом дода шуда, интихоби усули тадқиқот, ҳалли масъалаҳо ва ҳисобҳо мустақилона анҷом дода шудаанд. Ҳама марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсия, ки аз таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамии он, инчунин мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот иборатанд, бо иштироки бевоситаи муаллиф анҷом дода шудаанд.

- **дар ҷараёни** таҳқиқот муаллиф асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар таҳия ва асосноккунии самтҳои асосии идоракунии самараноки ин раванд дар Тоҷикистон, муайян намудани мушкилотҳо дар идоракунии сармоягузории хориҷӣ ва бартараф намудани онҳо саҳми худро гузоштааст.

- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар нашрияҳои бонуфуз (аз ҷумла 11 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ) интишор ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамоянд.

**- натиҷаҳои асосии таҳқиқоте**, ки дар диссертатсия ҷой доранд, аз тарафи муаллиф ба шакли маърӯза дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон инчунин, Донишгоҳи давлатии молия иқтисоди Тоҷикистон тӯли солҳои 2021-2025 ба тариқи маърӯза пешниҳод гардидаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-017 аз 9 декабри соли 2025 қарори сазовор донистани Шоҳзода Назира Изатулло, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 5 нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 10 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба Шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор 10 нафар, муқобил – нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор –нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ Ҷонмамадов Ш.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ Юнусзода Х.Қ.

«9» декабри соли 2025

Ҷ.М